**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи "Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ", ки барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа**

Масоили ахлоқ ё худ хулқу атвори инсонӣ аз ҷумлаи мушкилоти умда ва мубрам буда, ҳанӯз аз замонҳои бостону асрҳои миёна то давраи муосир дер боз мавриди арёбиву бозтобӣ ва таҳлилу таҳқиқи файласуфони замонҳои гуногуни таърихи қарор дорад. Аз ин рӯ, интихоби мавзӯи илмии фақуззикр аз ҳар ҷиҳат муҳиму мубрам ва саривақтиву рӯзмара аст.

Диссертант дар автореферати рисолааш тамоми талаботу муқаррароти ВАК-и Тоҷикистониро ба субут расонидааст, ки одилона ва рӯзмара аст. Зеро дар автореферати рисолаи ӯ мубрамият ва дараҷаи мавзӯъ, навгониҳо, мақсаду вазоиф, равшаннависиву татбиқи масоили мавриди назарбудааш дарҷ ёфтааст.

Дар рисолаи таҳқиқи мутафаккирони шӯҳратёр Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ бо назардошти фалсафаи ахлоқиашон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки шоистаи тамҷид мебошанд.

Ҳамчунин муаллифи автореферати диссертатсия бо назардошти таҳлили муқоисавии таърихи ҳамоҳангиву бартарияту афзалияте ва тафовутҳои маънавии ду чеҳраи ҳикмат-яке Абӯбакри Розӣ намояндаи фалсафаи асҳоби ҳаюло ва дигаре Насириддини Тӯсӣ-пайрави ҳикмати машшоия бисёр мушкилоту гиреҳҳоти масоили фавқуззикрро ба миён гузоштааст.

Ҳамин тавр, дар зимни комёбиҳо метавонам баъзе маҳдудиятҳои ва камбудиҳои автореферати диссертатсияро гуфта гузарам, аз ҷумла;

1. Дар автореферати диссертатсия бисёр камбудиҳои техникӣ мантиқӣ ва имлогӣ эҳсос мешавад;

2. Ҳамчунин дар автореферати диссертатсия исми ду муҳаққиқи шинохта, профессорон Абдулвоҳид Шамолов ва Рустам Комилов дарҷ наёфтааст. Муаллиф метавонад аз китобхонаҳои илмии ҶТ аз ҷумла; Индира Гандӣ Академияи миллии илмии Тоҷикистон ё китобхонаҳои умумидонишгоҳи иттилоъ пайдо намояд.

Умуман, камбдиҳои зикршударо муаллиф пурра ба инобат мегирад, аз ин рӯ гуфтаҳои мо арзиши умумии автореферати диссертатсияро коста намесозад. Бешубҳа, муаллиф ба ҳадафи таҳқиқоти худ ноил гардидааст. Автореферати диссертатсия дорои аҳмияти калони илмию амалӣ буда, бар асоси меъёрҳо ва талаботҳои муқарраркардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳо, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа, таҳия шудааст ва пурра ҷавобгӯ ба талабот мебошад.

**Муқарриз**
**доктори илмҳои фалсафа,**
**профессор:** **Р.С. Комилов**

**Имзои профессор, Р.С. Комилов-ро**
**тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Э. Ш.Тавқиев**